# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мувофиқ мебошад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна аз он иборат аст, ки бозиҳои миллӣ на танҳо як унсури фарҳангӣ ва варзишӣ ҳастанд, балки воситаи муассир барои тарбияи ҷисмонӣ ва рушди шахсиятии хонандагони синфҳои болоӣ мебошанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ, ки тарзи ҳаёти ҷавононро тағйир дода, фаъолиятҳои ҷисмониро маҳдуд месозанд, истифодаи бозиҳои миллӣ метавонад ҳамчун усули муассири тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ хизмат кунад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқоти муосир ҳанӯз масъалаи тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоиро дар алоҳидагӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор надодааст. Ҳамзамон, таъсири расонаҳои интернетӣ ва камшавии фаъолиятҳои ҷисмонӣ дар байни хонандагон ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст. Диссертатсия бо таҳлили фарогир ба омӯзиши равишҳои педагогӣ ва методологияи истифодаи бозиҳои миллӣ дар таълим равона шудааст, ки барои рушди насли ҷавон ва ташаккули тарзи ҳаёти солим аҳамияти назаррас дорад.

Муҳаққиқ бо асоснокии илмӣ нишон медиҳад, ки тарбияи ҷисмонӣ тавассути бозиҳои миллӣ на танҳо маҳоратҳои варзишӣ, балки ҷанбаҳои фарҳангӣ, сотсиологӣ ва равониро низ фаро мегирад. Ин нуктаро бо таҳлили

қиёсии бозиҳои миллии кишварҳои гуногун таҳким дода, методологияи ворид кардани онҳо ба раванди таълимро шарҳ медиҳад.

Ба таври умум, диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна мавзӯи мураккаб ва мубрами педагогикаи муосирро таҳлил намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводи таҳқиқот барои рушди методологияи тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳо ва ба роҳ мондани усулҳои муассири таълим дар доираи бозиҳои миллӣ истифода мешавад. Бо назардошти ин, диссертатсия муҳтавои пурра ва асоснок дошта, арзандаи дифоъ мебошад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Дар ин таҳқиқот, муаллиф бори нахуст масъалаи тарбияи тарзи ҳаёти солим ҳамчун методи тарбиявӣ-ро дар доираи педагогикаи муосир асоснок менамояд. Таҳлили бозиҳои миллӣ дар раванди таълим дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҷанбаи навоварона дорад, зеро он на танҳо варзиш, балки тамоми сохтори тарбияи ҷисмонӣ-ро бо асосҳои фарҳанги миллӣ муттаҳид менамояд.

Навгонии илмии диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин баён мегардад:

- Бори аввал хусусияти ташаккули тарбияи ҷисмонӣ бо истифода аз бозиҳои миллӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ асоснок карда шудааст.

- Дар диссертатсия бори нахуст категорияҳои тарзи ҳаёти солим, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун принсипи ташкили иштироки васеи хонандагон дар дарсҳои тарбиявӣ таҳлил карда шудаанд.

- Муаллиф нишон медиҳад, ки хонандагон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути бозиҳои миллӣ метавонанд ҳисси худшиносӣ ва шинохти фарҳангиро такмил диҳанд.

- Бори нахуст модели ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва муосир пешниҳод шудааст, ки дар методикаи омӯзиши синфҳои болоӣ татбиқ мегардад.

- Дар рисола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ворид намудани бозиҳои миллӣ ба раванди таълим аз нигоҳи дидактика таҳия шудаанд.

Нуқтаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд.

1. Бозӣ ҳамчун марҳилаи рушди раванди тарбиявӣ, ки қобилият ва малакаи ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро инкишоф медиҳад.

2. Таснифи бозиҳо дар педагогикаи муосир, ки ҷанбаҳои таълимӣ ва тарбиявии онҳоро дар бар мегирад.

3. Масъалаи ворид намудани бозиҳои миллӣ ба раванди таъли, ки дар шароити паҳншавии васеи бозиҳои ғайримиллӣ муҳим аст.

4. Равиши фардӣ ва гурӯҳӣ дар интихоб ва татбиқи усулҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки ба ниёзҳои хонандагон мутобиқ мегардад.

5. Тақсимбандии вазифаҳои тарбиявӣ миёни мактаб ва оила, ки барои рушди шахсияти хонандагон муҳим аст.

6. Тарзи ҳаёти солим ҳамчун омили рушди ҷомеа, ки тавассути варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ таъмин мешавад.

7. Бозиҳои миллӣ ҳамчун воситаи рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии хонандагон, ки ба тарбияи маънавӣ таъсир мерасонад.

8. Равиши анъанавӣ ва муосири методҳои тарбиявӣ, ки дар педагогикаи халқӣ ва мактабҳои муосир татбиқ мегардад.

9. Раванди иҷтимоишавӣ ва маънавӣ дар бозӣ, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва хислатҳои шахсиятро ташаккул медиҳад.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:*** Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна таҳти унвони «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар ҳаҷми 343 саҳифа таҳия шуда, иборат аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия масъалаи мубрамияти таҳқиқотро шарҳ дода, зарурати ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шароити муосирро таъкид менамояд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити паҳншавии васеи технологияи рақамӣ ва таъсири расонаҳои интернетӣ, ҳавасмандии хонандагон ба фаъолиятҳои ҷисмонӣ коҳиш ёфтааст, ки ин ҳолат таъсири манфӣ ба рушди иҷтимоӣ ва равонии онҳо мерасонад. Бозиҳои миллӣ ҳамчун воситаи муассири тарбияи ҷисмонӣ ва рушди ҳуввияти миллӣ пешниҳод шуда, зарурати ворид намудани онҳо ба раванди таълим асоснок карда мешавад.

Муаллиф бо таҳлили амиқ, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро баррасӣ карда, пайвастагии таҳқиқоти худ бо стратегияҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Тадқиқоти мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ дошта, барои рушди методологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ ва ворид намудани бозиҳои миллӣ ба барномаи таълим нақши муҳим мебозад.

Боби аввал: Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.

Ин боб ба таҳияи заминаи назариявӣ ва методологии диссертатсия бахшида шуда, се зербобро дар бар мегирад:

1. Шарҳи назариявии бозӣ – Муаллиф бозиҳоро ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ҷисмонӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон таҳлил мекунад.

2. Таснифи бозиҳо – Дар ин қисмат бозиҳои миллӣ ва байналмилалӣ муқоиса шуда, фарқият ва бартариҳои онҳо муайян мегардад.

3. Мавқеи бозиҳои миллӣ дар тарбияи ҷисмонӣ – Муаллиф нақши онҳоро дар ташаккули маҳорати варзишӣ, худшиносии миллӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ таҳлил менамояд.

Боби дуюм: Методикаи ворид намудани бозиҳои миллӣ ба раванди таълим.

Ин боб ба усулҳои ворид намудани бозиҳои миллӣ ба барномаи таълим тамаркуз намуда, ҳамкории мактаб, ҷомеа ва оила дар рушди тарбияи ҷисмонӣ муҳокима мешавад. Зербобҳо:

1. Методикаи дарси тарбияи ҷисмонӣ – Муаллиф роҳҳои ворид намудани бозиҳои миллиро ба раванди таълим ва тарҳрезии дарсҳо пешниҳод мекунад.

2. Нақши мактаб ва оила – Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар ташаккули ҳавсмандии хонандагон ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим баррасӣ мегардад.

Боби сеюм: Равандҳои тарбияи тарзи ҳаёти солим ва ҷанбаҳои иҷтимоии иштироки хонандагон.

Ин боб аз се зербоб иборат буда, дар он таъсири тарбияи ҷисмонӣ ба рушди иҷтимоӣ ва равонӣ муҳокима мешавад. Муаллиф ҷанбаҳои ахлоқӣ ва фарҳангии бозиҳои миллиро таҳлил намуда, таъсири онҳо ба рушди шахсият ва худшиносии миллиро шарҳ медиҳад.

Боби чорум: Равандҳои равонӣ, ангезаҳо ва ҳавасмандсозии хонандагон низ аз се зербоб иборат аст.

Боби мазкур ба таъсири бозиҳои миллӣ ба рушди равонӣ, ангеза ва ташаккули ҳавасмандии хонандагон тамаркуз мекунад. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна бозиҳои миллӣ метавонанд майлу хоҳиши хонандагонро ба варзиш афзоиш диҳанд ва онҳоро ба фаъолиятҳои ҷисмонӣ ҷалб намоянд.

Боби панҷум: Таъсири бозиҳои миллӣ ба ҳуввияти миллӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ.

Боби охирин низ аз се зербоб иборат буда, ба ҳуввияти миллӣ ва иҷтимоишавии хонандагон тавассути бозиҳои миллӣ бахшида шудааст ва нақши бозиҳои миллиро дар таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи шахсият шарҳ медиҳад.

Хулоса, диссертатсия бо таҳлили амиқи илмӣ ва методологии худ, арзиш ва аҳамияти амалӣ дорад. Муаллиф бо муваффақият модели ворид

намудани бозиҳои миллиро ба раванди таълим таҳия намуда, роҳҳои беҳсозии тарбияи ҷисмонӣ ва рушди иҷтимоиро пешниҳод менамояд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*** Мавзӯи диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дорои аҳамияти назарраси илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Хулосаи пешниҳодшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври возеҳу мухтасар ҷамъбаст намуда, аҳамияти бузурги масъалаи тарбияи тарзи ҳаёти солим дар байни насли наврасро тавассути тарғиби варзиш ва бозиҳои миллӣ таъкид менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот инҳоянд:

– Муаллиф ба таври боварибахш нишон додааст, ки тарғиби варзиш ва махсусан бозиҳои миллии тоҷикӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҳисси масъулият дар назди Ватан ва инкишофи хислатҳои ахлоқӣ ва иродаи насли наврас нақши калидӣ дорад. Таҳлили амиқи назарияҳои илмӣ ва архаистӣ дар якҷоягӣ бо назарияҳои муосир оид ба тарбияи ҷисмонӣ, инчунин пешниҳоди роҳҳои ворид намудани бозиҳои миллӣ ба консепсияҳои дидактикӣ, аз сатҳи баланди таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

– Хусусияти асосии бозиҳои миллии тоҷикӣ, ки ба эҳтиёҷоти ҷисмонии хонандагон мувофиқат мекунанд ва дар сатҳи баланди эҳсосӣ сурат мегиранд, дуруст муайян ва асоснок карда шудааст. Таъкид шудааст, ки истифодаи ин бозиҳо ба ташаккули малака ва қобилияти ҳаракат, инчунин шиносоии хонандагон бо арзишҳои миллӣ, фарҳанг ва анъанаҳои халқи тоҷик мусоидат мекунад. Ин ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷавонон мусоидат менамояд, ки дар шароити имрӯза ниҳоят муҳим аст.

– Муаллиф ба таври асоснок ба хулоса омадааст, ки ҳамкории ҳамоҳангшудаи мактаб ва оила дар раванди тарбияи тарзи ҳаёти солим, хусусан тавассути ҷалб ба бозиҳои миллӣ, натиҷаҳои дилхоҳро таъмин менамояд. Таъкид шудааст, ки таъминоти моддӣ (либоси варзишӣ, асбобу олот) барои гузаронидани бозиҳои миллии берунӣ муҳим аст, ки ин ҷанбаи амалии масъаларо инъикос мекунад.

– Хулосаи таҳқиқот ба таври возеҳ фарқиятҳои афзалиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва миёнаро дар раванди омӯзиш ва иштирок дар бозиҳо инъикос намуда, ба таҳияи методикаҳои мувофиқ замина мегузорад. Инчунин, дар бораи мутобиқати бозиҳои миллии тоҷикӣ ба шароити муосир ва имконияти ворид кардани онҳо ба барномаҳои таълимӣ хулосаҳои дақиқ оварда шудаанд.

Тавсияҳое, ки дар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва корҳои озмоишӣ пешниҳод шудаанд, хеле мушаххас, амалӣ ва ба мақсад мувофиқ мебошанд. Онҳо доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷорӣ намудани назарияҳои мукаммали педагогӣ ва таҳияи барномаҳои дарсӣ дар асоси бозиҳои миллӣ то таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва таҳияи энсиклопедияи бозиҳои миллӣ.

Нуқтаҳои зерин махсусан қобили қайд мебошанд:

- ҷорӣ намудани назарияи мукаммали педагогӣ ва пайваст кардани назария ва амалияи бозиҳои миллӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, ки ба таҳияи методикаи нави дидактикӣ барои ноболиғон замина мегузорад;
- равнақ додани корҳои илмӣ дар самти назарияҳои бунёдии тарзи ҳаёти солим ва алоқаи он бо тарбияи ҷисмонӣ;
- таҳияи энсиклопедияи бозиҳои миллӣ ва ҷамъоварии маълумоти объективӣ ва илмӣ дар бораи онҳо, ки ба ҳифз ва таблиғи мероси миллӣ мусоидат мекунад.
- таҳияи методикаи махсуси илмӣ барои дарси тарбияи ҷисмонӣ дар асоси бозиҳои миллӣ ва таъмин намудани дарсҳо бо таҷҳизоти зарурӣ;
- таҳлили минбаъдаи раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳияи барномаҳои нав;
- таҳияи китоби дарсӣ дар самти бозиҳои миллӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони таърих, этнография ва психология;
- тавсияҳо оид ба афзоиши теъдоди марказҳои варзишӣ барои наврасон ва ҷавонон дар ҷамоатҳои деҳот, таъсиси клуби чемпионҳо ва гузаронидани мусобиқаҳо оид ба бозиҳои миллӣ.

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур саҳми назаррас дар рушди илмҳои педагогика ва тарбияи ҷисмонӣ дорад. Муаллиф дар тадқиқоти худ моделҳои нави ворид намудани бозиҳои миллиро ба системаи таълим таҳия намуда, асосҳои методологии тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солимро бо услуби илмӣ таҳлил мекунад.

Бори нахуст тамоми ҷанбаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар асоси бозиҳои миллӣ таҳия ва асоснок карда шудааст. Муаллиф принсипҳои педагогии варзиш ва тарбияи ҷисмониро бо назардошти ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва муосир муайян намудааст. Фарзияи нави омӯзиши бозиҳои миллӣ ҳамчун методи педагогикаи байнифаннӣ пешниҳод шудааст. Таҳқиқот омили иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ ва таъсири он ба худшиносии миллиро асоснок менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия дорои арзиши татбиқии баланд мебошанд. Муаллиф методҳои

ворид намудани бозиҳои миллиро ба барномаи таълим таҳия намуда, таҳлили ҷанбаҳои эмпирикии дарсҳои тарбияи ҷисмониро пешниҳод кардааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои диссертатсия:

1. Дар раванди таълим – Диссертатсия ҳамчун роҳнамо барои ворид намудани бозиҳои миллӣ ба барномаи тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шавад.

2. Барномаи омӯзиши омӯзгорон – Метавонанд ҳамчун асоси методологӣ барои такмили ихтисоси омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ истифода шаванд.

3. Рушди маводи таълимӣ – Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ дар соҳаи педагогикаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба кор бурда шаванд.

4. Барномаҳои давлатӣ – Диссертатсия барои рушди стратегияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар сатҳи миллӣ саҳми муҳим дорад.

Аҳамияти иҷтимоӣ. Диссертатсия бо таҳлили равоншиносӣ, иҷтимоишавӣ ва фарҳангии хонандагон робитаи зич дорад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ворид намудани бозиҳои миллӣ ба системаи таълим метавонад дар ташаккули худшиносии миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва мустаҳкам гардидани арзишҳои фарҳангӣ саҳмгузор бошад.

Тавсияҳо барои истифода дар ҷомеа:

- Ҷалби волидон ва аҳли ҷомеа – Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои баланд бардоштани таҳаввули иҷтимоӣ ва ҳамкории оила ва мактаб истифода шаванд.

- Ташкили чорабиниҳои варзишӣ – Метавон бозиҳои миллиро дар барномаҳои фарҳангӣ ва мусобиқаҳои мактабӣ фаъолона истифода бурд.

- Баланд бардоштани сатҳи ҷалби ҷавонон ба варзиш – Бо истифодаи методологияи таҳияшуда, мактабҳо метавонанд барномаҳои варзишии серҳаракатро барои хонандагон роҳандозӣ намоянд.

Хулоса, диссертатсия аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии баланд дошта, натоиҷи он метавонанд дар раванди таълим, рушди педагогикаи варзиш ва ташаккули худшиносии миллӣ татбиқ шаванд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия на танҳо арзиши баланди илмӣ доранд, балки заминаи мустаҳкамро барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи мероси миллии кишвар фароҳам меоранд. Муаллиф таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, заминаи муҳими илмӣ ва амалиро барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва омӯзиши бозиҳои миллӣ фароҳам овардааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Қобили қайд аст, ки нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот дар 2 монография ва 30 мақолаи илмӣ интишор гардидаанд. Ин нишондиҳандаи ҳамаҷониба ва муфассали коркарди мавзӯъ буда, имконияти шиносоии васеи ҷомеаи илмиро бо натиҷаҳои бадастомада таъмин менамояд.

Аз ҷумла, интишори 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст. Ин далели қатъӣ аз эътирофи илмии натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби коршиносони соҳа буда, аз сифати баланд ва аҳамияти илмии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад. Чунин нашрияҳо кафолати эътибор ва саҳми арзишманди кор дар рушди илм мебошанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Диссертатсия ва автореферати он мутобиқи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ ва Дастурамали барасмиятдарории диссертатсияҳо таҳия шуда, ба меъёрҳои илмӣ ва методӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд. Матни диссертатсия бо забони равону бо услуби адабии тоҷикӣ навишта шуда, сохтори мантиқии қисматҳои он риоя гардидааст. Автореферат мухтавои асосии диссертатсияро ба таври мухтасар инъикос намуда, моҳияти таҳқиқоти анҷомшуда ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллифро равшан баён мекунад.

Натиҷаҳои пажӯҳиш аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок буда, бо таҳлили назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалҳо мукаммал гардидаанд. Дар ҳар боб ва дар охири рисола хулосаҳои возеҳ ва мушаххас пешниҳод шудаанд. Ҳам диссертатсия ва ҳам автореферат ба талаботи меъёрии таҳияи мақолаҳои илмӣ ва нашр дар маҷаллаҳои тақризшаванда мутобиқ мебошанд, ки саҳми муҳиме дар рушди соҳаи таҳқиқотии мавриди назар доранд.

Тарзи барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия пурра мувофиқ буда, ҳамаҷониба ба стандартҳои академӣ ҷавобгӯ аст.

***Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*** Бояд қайд кард, ки диссертатсия дар баробари ҷиҳатҳои зиёди мусбат, дорои камбудиҳо низ мебошад, ки барои такмил ва беҳтарсозии он муҳиманд.

1. Таҳқиқот асосан ба манбаъҳои дуюм ва таҳлили назариявӣ такя мекунад, дар ҳоле ки таҷрибаи шахсӣ ва таҳлили амиқи амалии муаллиф кам ба назар мерасад. Ворид намудани мисолҳо аз фаъолияти шахсӣ ва таҳқиқоти амалӣ метавонад ба мукаммалтар шудани диссертатсия мусоидат кунад.

2. Таҳқиқот асосан ба як минтақа ё мавқеи мушаххас маҳдуд шудааст, дар ҳоле ки муқоиса бо дигар минтақаҳо ва таҳлили фарқияту умумиятҳо метавонист ба амиқии таҳқиқот таъсири мусбат расонад. Ворид намудани таҳлилҳои муқоисавӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ ё минтақавӣ метавонад дараҷаи илмии

таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки метавонанд ба фаҳмиши дурусти муҳтаво халал расонанд. Бартараф кардани онҳоро ба довталаб тавсия медиҳем.

Ҳамзамон бояд зикр кард, ки камбудиҳои қайдгардида ба ҳеҷ ваҷҳ сатҳи арзиши илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва таъсири он ба рушди соҳаи таҳқиқотиро кам намекунанд. Баръакс, ин камбудиҳо метавонанд ҳамчун имконият барои такмил ва амиқтар кардани таҳқиқот хизмат кунанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ:

Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзӯи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, як таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Аҳамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи тарбияи ҳаматарафаи насли наврас, бахусус тавассути ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, яке аз самтҳои калидии сиёсати маориф ва тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин таҳқиқот ба ин масъалаи мубрам тавассути ворид намудани бозиҳои миллӣ ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ муносибати навоварона дорад.

Муаллиф дар кори худ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намуда, таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти назариявӣ ва таҷрибаи амалиро анҷом додааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия ба таҳқиқи назариявӣ ва методологии нақши бозиҳои миллӣ дар системаи тарбияи ҷисмонӣ равона шуда, бо таҳлили амиқи таъсири онҳо ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, масъулиятшиносӣ ва рӯҳияи ватандӯстии хонандагон асоснок гардидааст. Муаллиф хусусиятҳои бозиҳои миллии тоҷикиро таҳлил намуда, арзиши тарбиявии онҳоро дар рушди хислатҳои шахсӣ ва ахлоқии хонандагон бо далелҳои илмӣ исбот кардааст. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати ворид намудани бозиҳои миллӣ ба раванди таълим, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводи методӣ ба мақсаднокии татбиқи ин унсурҳо дар системаи маориф мусоидат мекунад. Таҷриба ва натиҷаҳои ҳосилшуда метавонанд барои муаллимон, кормандони соҳаи маориф ва таҳиягарони барномаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи устувор хидмат кунанд.

Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна, ки таҳти унвони «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳия шудааст, ба талаботи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра ҷавобгӯ мебошад. Ин таҳқиқоти илмӣ бо далелҳои назариявӣ ва методологӣ асоснок шуда, дар асоси меъёрҳои Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Бо дарназардошти саҳми муҳими илмӣ ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, диссертатсия ба талаботи муқарраргардида мутобиқ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор арзёбӣ мегардад.

Муқаррризи расмӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров Шаропов Ш. А.

28.07.2025с.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел.: моб. (+992) 92 771 78 70. E-mail: sharofzod1954@mail.ru

*Имзои Шаропов Шавкатҷон Аҳмадовичро тасдиқ мекунам*

*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Б.Ғафуров"* *Сайдуллозода З.С.*